**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)**

# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба рисолаи илмии Ализода Исмоил Исмон дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат пешниҳод шудааст.**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.**

Диссертатсияи Ализода Исмоил Исмон дар мавзуи «Функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ пешниҳод шудааст, бо шиносномаи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти № 16/шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мутобиқ мебошад.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Дар ҷомеаи муосир, ки инсоният умр ба сар мебарад, нақш ва мақоми давлат дар самти эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон назаррас буда, давлатҳои демократӣ ва ҳуқуқбунёд унсури эҳтиромгузорӣ ба ҳуқуқи инсонро дар маркази таваҷҷуҳи худ қарор додаанд. Яъне, ин давлатҳо тавассути шинохти ҳуқуқи инсон ва риояву ҳифз намудани он мазмун ва моҳияти ҳокимияти давлатии худро тақвият дода, баъзан маврид то ба ҳадди мутлақ онро

оварда мерасонанд, ки чунин ҳолат ба душвор кардани танзими муносибатҳо дар ҷомеа мегардад. Аз нигоҳи назарияи давлат ва ҳуқуқ, ҳамаи муносибатҳо дар ҷомеа, аз ҷумла ҳуқуқу озодии инсон низ, бояд дар доираи муқаррарнамудани қонунгузорӣ ба амал бароварда шаванд. Дар сурати берун баромадан аз ҳадди муайяншуда, давлат тавассути татбиқи ҷавобгарии ҳуқуқӣ метавонад нисбат ба шахс яке аз шаклҳои ҷавобгариро амалӣ намояд. Дар акси ҳол, идора кардани давлат ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ғайриимкон мегардад. Албатта, ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои функсияҳои худ буда, ин функсияҳо дар самти таъмини қонуният нақши муассирро иҷро менамоянд, ки тавассути шаклҳои мухталиф ба амал бароварда мешаванд. Аммо, имрӯз доир ба функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо баҳсҳои доманадор вуҷуд доранд, ки коркардҳои бунёдии илмиро тақозо менамоянд.

Аз ҷониби дигар, дар замони соҳибистиқлолӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри мукаммал намудани қонунгузории худ ва мутобиқ намудани низоми ҳуқуқии миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ тадбирҳои зиёдро амалӣ карда, навъҳои гуногуни ҷавобгарии ҳуқуқиро барои ҳуқуқвайронкуниҳо муқаррар намуд. Чунин муносибат, агар бахри танзими муносибатҳо дар ҷомеа, боло рафтани мақоми давлат дар арсаи байналмилалӣ ва имконияти таъмини адолати иҷтимоӣ дар ҷомеа заминаи мусоидро фароҳам орад, аз тарафи дигар тақозо менамояд, ки самаранокии амалисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳлил карда шавад. Яъне, имрӯз замоне фаро расидааст, ки дар илми ҳуқуқшиносӣ ҷиҳати муайян намудани самаранокии шаклҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таҳқиқотҳои бунёдӣ анҷом дода шаванд, то мақоми қонунбарор дурустии танзими ҳуқуқии онҳоро дар сатҳи қонунгузорӣ дарк намоянд. Чунин амал имкон фароҳам меорад, ки мо бахри бунёди низоми ҳуқуқии худ ва низоми қонунгузории миллӣ қадамҳои устуворро гузорем, ки дар он махсусиятҳои ҷомеаи тоҷик ва унсурҳои хосси давлатдории мо ба инобат гирифта шудаанд.

Бо дарназардошти ин гуфтаҳо, метавон иброз намуд, ки мавзуи рисолаи илмӣ мубрам буда, дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ таҳқиқоти мукаммали илмӣ дар ҷодаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Диссертатсияи Ализода И.И. аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, ду боб, нуҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, феҳристи адабиёти истифодашуда ва феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот асос ёфтаанд.

Дар **муқаддима** мубрам будани мавзуи диссертатсия асоснок гардида, сатҳи таҳқиқи он, объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, асосҳои методологӣ, назариявӣ, заминаҳои меъёрӣ, навгонии илмӣ ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назарӣ ва амалии диссертатсия муайян карда шудааст, ҳамзамон тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, саҳми шахсии довталаб ва сохтори диссертатсия пешбинӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия **«Мафҳум ва таснифи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** ном дошта, аз ду зербоб иборат аст. Дар доираи боби мазкур муаллиф ба масъалаи мафҳум, хусусият ва таснифоти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, мавриди баррасӣ қарор додааст. Пажуҳишгар бо назардошти андешаҳои мухталифи олимон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мафҳуми функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро омӯхта, хусусиятҳои онҳоро муайян намудааст. Муаллиф ишора менамояд, ки ҳамаи функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дорои хусусиятҳои зерин мебошанд: шароити иҷтимоӣ, мақсад, алоқаи функсияҳои алоҳида бо ҳамдигар, мустақилияти онҳо (саҳ. 33). Аз нигоҳи таҳқиқбаранда, ба сифати функсияҳои умумиэътирофшудаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ функсияи сазодиҳӣ, функсияи пешгирӣ ё огоҳсозӣ, функсияи тарбиявӣ, функсияи ҳуқуқбарқарорсозӣ ё ҷубронсозӣ ва функсияи танзимӣ ё ташкилӣ дохил мешаванд, ки қобили дастгирӣ мебошанд (саҳ. 47-49).

Боби дуюми таҳқиқоти диссертатсионӣ **«Шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ»** ном дошта, аз ҳафт зербоб иборат аст. Муаллиф дар доираи боби мазкур ба мафҳуми шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурии амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ, амалисозии функсияҳои сазодиҳӣ, ҷаримавӣ, ҷубронсозӣ, пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва тарбиявии ҷавобгарии ҳуқуқӣ диққат дода, онҳоро таҳлил кардааст. Аз нигоҳи таҳқиқбаранда шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ гуфта, тарзу намудҳо ва механизмҳои иҷроиши функсияҳои алоҳидаи ҷавобгарии ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад, ки дар натиҷаи он ба рафтори субъектони ҳуқуқ таъсири ҳуқуқӣ расонида шуда, функсия, принсипҳо ва мақсадҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ мавриди иҷроиш қарор мегиранд (саҳ. 63). Муаллиф дуруст ишора менамояд, ки функсияи пешгирисозии ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳӯқуқӣ мавҷуд буда, дар шаклҳои ихтиёрӣ ва маҷбурӣ амалӣ карда мешавад. Функсияи мазкур нисбат ба дигар функсияҳо дорои субъектони васеи амалисозӣ буда, ҳамзамон дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталиф масъалаҳои гуногуни он танзими ҳуқуқии худро ёфтаанд (саҳ. 132-133). Дар маҷмӯъ, пажӯҳишгар тавассути боби мазкур тавонистааст, ки шаклҳои мухталифи амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро мавриди баррасӣ қарор диҳад, ки дар ташаккули илми назарияи давлат ва ҳуқуқ метавонанд саҳмгузор бошанд.

Дар асоси омӯзиши паҳлуҳои назарӣ ва амалии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муаллиф як қатор хулосаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалиро манзур намудааст, ки онҳо аз мазмуну моҳияти вазифаҳои гузошташуда бар меоянд.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод шудаанд.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ализода И.И. дар муҳити илми ҳуқуқшиносии ватанӣ аз зумраи нахустин таҳқиқоти диссертатсионӣ мебошад, ки дар он паҳлуҳои назарӣ ва амалии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии

Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муҳимияти рисолаи илмӣ дар он зоҳир мегардад, ки ҳар як шакли амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ дар алоҳидагӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, хулосаҳои илмии назариявӣ пешниҳод шудаанд. Диссертант вазифаҳои гузоштаи худро дар самти таҳқиқоти диссертатсионии мазкур тавассути нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳоднамудааш пурра инъикос намуда, ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои худ аз қонунгузории миллӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории давлатҳои алоҳида, инчунин аз андешаву назари олимони дохиливу хориҷӣ истифода намудааст, ки онҳо дар маҷмуъ навгонии таҳқиқоти диссертатсиониро таъмин намудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, ҷанбаҳои назарӣ ва амалии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳоро ифода менамоянд. Яъне, таҳқиқбаранда бо дарназардошти омӯзиши масъалаҳои назарӣ ва амалии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо нуктаҳои илмии худро ба самтҳои ишорашуда равона намудааст, ки онҳо вазифа ва ҳадафҳои гузошташударо дар рисолаи илмӣ таҷассум менамоянд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳоднамудаи муаллифи рисолаи илмиро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан имконпазир мебошад:

– Навгонии назарӣ-ҳуқуқӣ, ки дар заминаи он муаллиф мафҳум, моҳият ва махсусиятҳои функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро таҳлил ва муайян карда, таснифбандии онҳоро анҷом додааст. Инчунин, рисоланавис ҳар як шакли амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқиро таҳлил карда, аз нигоҳи назарӣ моҳият ва хусусияти онҳоро матраҳ намудааст, ки мувофиқ ба мақсад мебошанд;

– Навгонии амалӣ-ҳуқуқӣ, ки дар заминаи он диссертант як зумра тавсияҳои илман асосноки худро баҳри таҷдиди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод намудааст.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.**

Бояд қайд намуд, ки асоснокӣ ва эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назарӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда, мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назарию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузорӣ дар самти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо, асос меёбанд.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионии Ализода И.И. аҳамияти баланди илмӣ ва амалӣ дорад. Зеро, маводи рисола фаҳмишҳои илмиро оид ба мафҳум ва моҳияти функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва шаклҳои амалисозии онҳо мукаммал гардонида, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳанд, ки махсусияти шаклҳои амалисозии функсияҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ муайян карда шаванд. Маврид ба тазаккур аст, ки нуктаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои амалие, ки дар рисола манзур карда шудаанд, метавонанд дар таҳияву таҷдиди қонунгузории кишвар саҳмгузор бошанд. Инчунин, натиҷаҳои рисоларо метавон дар таълими фанҳои «Назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Проблемаҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ», «Ҳуқуқи ҷиноятӣ», «Ҳуқуқи маданӣ», «Ҳуқуқи конститутсионӣ», «Ҳуқуқи маъмурӣ» ва ғ., ҳангоми навиштани корҳои курсӣ, рисолаҳои хатм, рисолаҳои магистрӣ ва рефератҳо истифода бурд.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.**

Доир ба мавзуи диссертатсия ва моҳияти он унвонҷӯ 3 воситаи таълимӣ, 19 мақолаҳои илмӣ, аз ҷумла 9 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 10 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Зикр намудан ба маврид аст, ки теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои амалии муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Автореферат ва корҳое илмие, ки дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ рӯйи чоп омадаанд, мазмуну моҳияти рисолаи илмиро ба таври зарурӣ инъикос менамоянд.

**Норасоии таҳқиқот.**

Дар диссертатсия дар баробари муваффақиятҳо, инчунин баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки онҳоро ба таври зерин нишон додан мумкин аст:

1. Муаллифи рисолаи илмӣ дар тавсияи дуюми амалии худ (саҳ. 17) пешниҳод менамояд, ки дар моддаи $22^1$-и КҲМ ҶТ мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ нишон дода шавад. Аммо, дар ин ҷо таҳқиқбаранда мафҳуми муаллифии худро оид ба мақсади ҷавобгарии маъмурӣ манзур накардааст. Бо ин мақсад, назари пажуҳишгарро оид ба мафҳуми мақсади ҷавобгарии маъмурӣ ҳангоми ҳимояи рисолаи илмӣ фаҳмидан мехостам.

2. Дар пешниҳоди шашуми амалии худ (саҳ. 17) рисоланавис ишора менамояд, ки дар қонунгузорӣ мафҳуми ҷуброн, товон, талофӣ, зарар, зиён, хисорот ба таври омехта муқаррар шудааст ва пешниҳод менамояд, ки дар қонунгузории соҳавӣ ягонакунии мафҳумҳои ҳуқуқии ишорашуда ба роҳ монда шавад. Вале, муаллиф мавқеи худро оид ба истифодаи кадом истилоҳи ягона дар қонунгузории соҳавӣ муайян накардааст. Инчунин, оё имконияти истифодаи истилоҳи ягона дар қонунгузории соҳавӣ бо назардошти ҳолатҳои мухталиф имконпазир ҳаст, масъале мебошад, ки посухи алоҳидаро тақозо менамояд.

Аммо, норасоиҳои мазкур ба илмияти диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Зеро, он мақсаду вазифаҳое, ки муаллиф дар доираи объект ва предмети таҳқиқот дар назди худ гузоштааст, пурра иҷро гардидаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

Диссертатсияи Ализода И.И. ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Ализода Исмоил Исмон ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – Назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии
факултети ҳуқуқшиносии Академияи
идоракунии давлатии назди Президенти
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Сафарзода Н.Ф.

Имзои Н.Ф. Сафарзодаро тасдиқ менамоям:
Сардори Раёсати кадрҳо, коргузорӣ ва корҳои
махсуси Академияи идоракунии давлатии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Зоирхонзода Ф.З.

«28» 01 2025 с.

**Суроғаи муқарриз:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Саид Носир, 33; **Тел.:** (+992) 939259828
**E-mail:** nekruz-0101@mail.ru